## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи “Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-(PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D.02.06.00. – Диншиносӣ. Шаҳри Душанбе, соли 2025.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи “Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ” ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати сохтор ба ихтисоси 6D.02.06.00. – диншиносӣ мутобиқат менамояд. Дар диссертатсия моҳият, сабабу омилҳо ва таъсири хатарноки ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи интихобнамудаи диссертант воқеан ҳам хеле мубрам ва таҳқиқталаб мебошад. Ба касе пӯшида нест, ки маҳз ифротгароии динӣ дар ибтидои қарни XXI сабаб гардид, ки дар иддае аз кишварҳои исломӣ ҷангҳои дохилии таҳмилӣ ба вуқуъ пайвасту на ҳазорҳо, балки миллионҳо нафар одамон бехонаву дар гаштанд, зану кудакон ва пиронсолони бегуноҳ бо роҳу воситаҳои мухталиф бармаҳал мубталои марг гардиданд. Дар натиҷаи неру гирифтану ба сари қудрат омадани ифротгароёни динӣ дар кишварҳои номбаршуда пеши роҳи рушди ҷомеа гирифта шуду аҳли ҷомеа аз одитарин ҳуқуқҳои инсонӣ маҳрум гардиданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар кишвари мо низ ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бар асари ифротгароии динӣ рух дод, ки дар натиҷа ҳам ба аҳолӣ ва ҳам ба иқтисодиёти кишвар хисороти азим расонида шуд. Новобаста аз оқибатҳои фоҷиабори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, мутаассифона, имрӯз ҳанӯз ҳам ифротгароии динӣ дар кишварамон аз худ дарак медиҳад ва ҳолатҳои ҷалби шаҳрвандон ба гуруҳҳои ифротӣ ба қайд гирифта мешаванд, ки ин ҳолат зарурати мубориза ба муқобили гуруҳҳои ифротиро ба мадди аввал мегузорад.

Дар бораи мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ сухан ронда, диссертант барҳақ қайд намудааст, ки “ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон ҳамчун омили бесуботсозии ҷомеа на танҳо барои амнияти миллии кишварамон хатари ҷиддӣ дорад, ҳамчунин арҷгузориро ба арзишҳои фарҳанги миллӣ дар қалбу шуури наслҳои имрӯзу оянда аз байн мебарад ва бо табиати ҳувиятзудои худ ҷавононро ба манқурт табдил медиҳад; ифротгароии динӣ дар кучое, ки сар назанад, аҳли ҷомеаро аз бунёдкориву созандагӣ ва инкишофу тараққӣ дур мекунад ва баръакс ба низоъу ҷангу ҷидолҳои бепоёни мазҳабиву сиёсӣ ва иҷтимоӣ гирифтор месозад” (саҳ. 3).

Қобили зикр аст, ки вақте иддае аз аҳли ҷомеа муносибати манфии худро ба унсурҳои фарҳанги миллӣ, чун номгузории аҷдодӣ, таҷлили ҷашнҳои таърихии аҷдодӣ, таҷлили санаҳои таърихии хусусияти башардӯстона дошта изҳор медоранд, бешак нерӯ гирифтани афкори ифротии динӣ пайхас карда мешавад. Дар ин замина бояд ёдовар шуд, ки мутаасифона, баъзе аз домуллоҳои суннатии кишвар низ ба зери таъсири чунин гурӯҳҳо афтодаанд, ки ҳолати мазкур аз афкору ақоиди мутаассибонаи эшон дарк карда мешавад. Ҳуҷуми баъзе аз домуллоҳои суннатӣ ба фарҳанги миллӣ ё беэътиноии гурӯҳи номбурда ба унсурҳои фарҳанги миллӣ аз таъсири марговари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ шаҳодат медиҳад.

Чанд асоси ба мубрамияти мавзуъ ишоракунанда далели он аст, ки мавзуми интихобшуда хеле таҳқиқталаб буда, омӯзиши ҷиддиро тақозо менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотӣ мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида ва методологияи илмӣ таҳия шудааст. Диссертант осори таҳқиқотии гуногунро амиқ таҳқиқ намуда, усулҳои таърихию муқоисавиро ҳадафнок хуб истифода бурдааст. Навгониҳои натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида возеҳ, равшан ва мушаххас буда, ҷавобгӯи талаботҳои илмӣ

мебошанд ва аз огоҳии равшани диссертант аз мавзуи таҳқиқотӣ шаҳодат медиҳанд.

Предмет ва объекти таҳқиқот низ хеле равшан нишон дода шудааст ва байни онҳо ҳамоҳангӣ ва робитаи зичи мантиқӣ дида мешавад. Дар ин самт сатҳи баланди тахассуснокӣ ва маҳорати таҳқиқи масъалаҳои ҳалталаб аз ҷониби диссертант сазовори таҳсин мебошад. Дастоварди диссертант дар ҷодаи муайян намудани предмет ва объекти таҳқиқот имкон медиҳад, ки таҳқиқот дар самти мазкур дар оянда низ идома дода шавад. Яъне, ҳам объекти таҳқиқот нав асту ҳам предмети таҳқиқот низ муосир буда, биниши навро тақозо менамоянд.

Навгониҳои илмии диссертатсия аз мазмуну мундариҷаи кори таҳқиқотӣ сарчашма гирифта, моҳияти диссертатсияро ифода менамоянд. Навгониҳои пешниҳодшуда бо ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамоҳанг буда, аз лиҳози илмӣ асоснок мебошанд.

**Асосноккунӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатситя ифодаёфта.** Хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада низ аз муҳтавои кори таҳқиқотӣ маншаъ гирифта, асоснок ва муътамад мебошанд ва тибқи талаботи илмӣ таҳия шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида махсусан барои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон, ки аҳли он боре дар зери таъсири амиқи ифротгароии динӣ афтода, ба миллату давлати хеш зарари зиёд расониданд, аз аҳамияти назаррасе иҷтимоӣ бархӯрдор мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд. Дар боби якум зери унвони “Пайдоиши равияҳои ифротгароии муосири динӣ ва таълимоти зиддимиллии онҳо” масъалаҳои мафҳум, моҳият, сабабу омилҳои пайдоиши ифротгароии муосири динӣ, вусъати фаъолияти равияҳои динӣ-ифротӣ дар Осиёи Марказӣ ва хатари иртиҷоии таълимоти равияҳои динӣ-ифротӣ доир ба муносибати дину фарҳанг баррасӣ гардидаанд.

Дар фасли якум диссертант доир ба сабабу омилҳои пайдоиши динӣ маълумотҳои умумии мухталиф пешниҳод намудааст. Дар байни андешаҳои баёнгардидаи муаллиф андешаи зерин сазовори таҳсин ва дастгирист: “Маҳз диндорӣ дар якҷоягӣ бо норасоиҳои ҳаёти иҷтимоӣ, паст будани маърифати сиёсӣ, ноогоҳӣ аз тамаддуну фарҳанги миллати худ ва арзишҳои тамаддуни умумибашарӣ сабаби чунин (ба гурӯҳҳои ифротӣ пайвастшавии ҷавонон – А.К.А.) амали ҷавонон мешаванд” (саҳ. 25). Андешаи баённамудаи муаллиф, муттаассифона, муттасил ба таври васеъ ва амиқ дар фасли мазкур шарҳу эзоҳ намеёбад. Фасли якум аксаран дар бораи умуман ифротгароӣ (аз саҳ. 12 то саҳ 23), маълумоти умумӣ доир ба сабабу омилҳои мухталифи ифротгароии динӣ(иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ (то саҳ. 29) ва тавсияву насиҳатҳои муаллиф (то саҳ 29) ва тавсифи таҳсили динӣ дар хориҷа (то саҳ. 35) маълумот медиҳад.

Дар фасли дуюм “Вусъати фаъолияти равияҳои динӣ-ифротӣ дар Осиёи Марказӣ” муаллиф дар умум дар нисбати пайдоишу тавсеа ёфтани ифротгароии динӣ мавқеи комилан дурустро ишғол намуда, барҳақ иддае аз неруҳои хориҷиро дар ташкилу дастгирии равияҳои ифротии динӣ дар минтақаи зикршуда сабабгор маҳсуб медонад. Ба андешаи диссертант “Яке аз сабабҳои асосии вусъату ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ ин ҳанӯз дар дар зери нуфузи Федератсияи Русия қарор доштани кишварҳои ИДМ мебошад, ки ба қудратҳои ҷаҳонии Ғарбу ИМА барои пиёда сохтани барномаҳои геосиёсияшон дар ин минтақа халал мерасонанд” (саҳ. 36).

Дар фасли сеюми боби якум, ки “Хусусияти иртиҷоии таълимоти равияҳои динӣ-ифротӣ доир ба муносибати дину фарҳанг” ном гирифтааст, диссертант бештар сиёсати хориҷии баъзе кишварҳои абарқудрати ҷаҳонро, ки бо ташкили равияҳои ифротӣ дар кишварҳои заифи исломӣ ноором̣ӣ эҷод менамоянд ва бо истифода аз ифротгароён вазифаю ҳадафҳои геополитикии худро пиёда менамоянд, мавриди муҳокима қарор додааст. Аммо андешаю хулосаҳо аксаран умумӣ буда,

ҳеҷ як андешаи ифротии ин ё он равияи динӣ-ифротии исломӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар тамоми фасли мазкур се андешаи ифротӣ аз китоби “Миссиология” –и муаллифони ғарбӣ, дар рӯйхати адабиёт зери рақами 97, оварда шудааст, ки он ҳам, чуноне андешаҳои баъдӣ собит месозанд (“рисолати Муҳаммад ва бениёзии Худовандро рад менамоянд”, саҳ. 70.), ба хотири ҳифзи дини ислом сурат гирифтааст. Агар диссертант ягон андешаи ифротии ҳаракатҳои салафия, ваҳҳобия, ҳизбуттаҳрир, толибон ва амсоли инҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, хусусияти иртиҷоии онҳоро нишон медод, ҷанбаи илмии кор меафзуд.

Боби дуюми рисола “Хатари равияҳои динӣ-ифротӣ ба фарҳанги миллӣ” унвон гирифтааст. Дар фасли якум “Хатари ифротгаройии динӣ ба фарҳанги миллӣ” диссертант дуруст таъкид менамояд, ки “яке аз ҳадафҳои асосии гуруҳҳо ва равияҳои ифротгароии динӣ:Толибон, ДИИШ, Ансоруллоҳ, Ҳизби таҳрир ва амсоли инҳо решакан кардани арзишҳои фарҳанги миллӣ мебошад” (саҳ.88). Аммо бояд тазаккур дод, ки мисолҳои мушаххас хеле кам ба чашм мерасанд. Андешаҳо, агарчӣ дурустанд, лекин умумӣ баён шудаанд. Бидъат будани осори шоирон дар саҳифаҳои 89 ва 93 бидуни сарчашма баён ёфтааст. Баръакс, ояти овардашуда аз Қуръон дар шакли “”Ва шоирон касонеанд, ки гумроҳон ба онҳо пайравӣ мекунанд. Оё надидӣ, ки онҳо дар ҳар водие саргардонанд” (саҳ. 90) мавқеи ифротгароёни диниро дастгирӣ менамояд, на мавқеи муаллифи рисоларо. Дар фасли мазкур, ки ба хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ бахшида шудааст, ҳамагӣ як ҳолати беасосии андешаи салафия доир ба зиёрати қубур дар саҳифаи 93 нишон дода шудааст\u0443 халос. Ҳол он ки гурӯҳи мазкур бар зидди ҷашни Соли нав, Иди Модарон, Навруз ва амсоли инҳо сароҳатан андешаҳо иброз доштаанд ва онҳоро иддае аз домуллоҳои кишвар дастгирӣ ҳам мекунанд.

Дар фасли мазкур андешаҳои хуби донишмандони кишвар, аз ҷумла Саидов Д.М. дар шакли “Онҳо (салафиҳо – А.К.) дар сохторҳои расмӣ-давлатӣ мавқеъ пайдо намуда, бо ин роҳ ба арсаи сиёсат гом мегузоранд ва мехоҳанд низоми давлатдории дунявиро аз дарун хароб намоянд” ё

андешаи Маҳмадизода Н. Дар шакли “Мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ, амсоли китобхонаҳо, клубҳо бештар масҷидҳо сохта мешаванд...Ҳарчанд соҳаи таълимоти динӣ аз тарафи ҳукумат ва сохтори қудратӣ зери назорати қатъӣ қарор дорад, аммо раванди динишавии мафкураи ҷомеа ва махсусан ташаккули тафаккури динӣ-ифротии ҷавонон метавонад, ки ба ваҳдати миллӣ таҳдиди ҷиддӣ намояд” (саҳ. 96) зикр шудаанд, аммо пайгирии муттасили маъною руҳияи мазкур дар диссертатсия ба мушоҳида намерасад.

Фасли дуюм “Роҳу усулҳои таъсиррасонии ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ” ном дорад, аммо диссертант боз ҳам дар бораи ҳадафи ифротгароии динӣ, равияҳои рофизиён, қарматиён, сӯиистифода аз ислом, сабабу омилҳои зуҳури он, нақши баъзе давлатҳои исломӣ ва ғайриисломӣ дар густариши ифротгароӣ ва амсоли инҳо маълумот додааст.

Аз андешаи зерини дар робита ба таълимоти Таврот баённамудаи диссертант: “Қуръон низ арабҳоро барои забти кишварҳои ободу боамн ва пурфайз даъват мекунад ва онҳо ин дастуроти Қуръонро амалӣ сохтанд” (саҳ. 106) чунин бардошт ҳосил мегардад, ки Қуръон сарчашмаи аъмолу афкори ифротӣ маҳсуб меёбад, агарчи диссертант чунин андешаро баён накардааст ва барои андешаи зикрнамудааш далели қуръонӣ низ наовардааст.

Давр фасли мазкур ҳамчунин баъзе андешаҳои ихтилофноки муаллиф ба мушоҳида мерасанд, ки дар заминаи онҳо муайян намудани мавқеи муаллиф душвор мегардад. Аз ҷумла: “...дар сурате, ки ислом аз ибтидо дар баробари дин будан пеш аз ҳама сиёсат дар қабои дин буд, зеро он ҳамчун идеологияи миллӣ вазифаи бунёди давлати ягонаи араб ва хилофати онро иҷро мекард. Бинобар ин бо сиёсат сахт печида мебошад. Вақте ки дин бо сиёсат пайванди қавӣ дорад, он метавонад бо экстремизму терроризм низ пайванд бошад. Аз ин ҷиҳат исломро наметавон ба ҳеҷ ваҷҳ аз сиёсат берун кашид”. (саҳ. 106). Агарчанде ки қисмати аввали андеша

ҳақбинона баён шудаасту аз он метавон исломро чун дини экстремистиву террористӣ шарҳ дод, лекин хулосаи охир “Исломро наметавон ба ҳеҷ ваҷҳ аз сиёсат берун кашид” баҳснок мебошад.

Маънои зикршуда ҳақбинона ҳамчунин дар саҳифаи 108 дар шакли “...азбаски ислом аз ибтидо бо зарби шамшер густариш меёфт, экстремизму терроризм нисбати дигарандешон ва озодихоҳон ҳамеша ҳамқадами ислом буд ва мебошад” сароҳатан баён ёфтааст, агарчанде далеле на аз Қуръону ҳадис ё таърихи пайғамбар зикр нашудааст.

Андешаи диссертант дар шакли “Яке аз омилҳои бозмондагии ҷаҳони мусулмонӣ низ дар ҳамин исломи сиёсӣ мебошад, ки барои ифротгароии динӣ ба ҳайси заминаи ғоявӣ хизмат мекунад”(саҳ. 109), низ сазовори дастгирист.

Аммо андешаи муаллиф дар саҳифаи 110 “Албатта дин метавонад ва бояд бунёдгаро бошад, яъне он бояд ба усулҳои бунёдии худ исрор варзад” баҳснок мебошад. Аввалан, пайғамбар дар Макка дигар шахсият буд, дар Мадина дигар шахсият. Яъне пайғамбар вобаста ба муҳит амал мекард. Сониян, дин ҷаҳонбинист. Ҳар гуна ҷаҳонбинӣ вобаста ба муҳит тағйир ёфта таҳаввул меёбад. Бояд ёдовар шуд, ки андешаи “дин бояд бунёдгаро бошад ва ба усулҳои бунёдии худ исрор варзад” ҳукми беасос буда, хусусияти иртиҷоӣ дорад. Чунин андеша на танҳо бар зидди пешрафта ҳар гуна ҷомеа нигаронида шудааст, балки ҳамзамон зидди мавқеи диссертант дар рисолаи мазкур аст.

Фасли сеюми боби дуюми рисоларо зери унвони “Роҳҳои пешгирии хатари равияҳои динӣ-ифротӣ ба фарҳанги миллӣ” диссертант бо Қонунҳои ҶТ “Дар бораи терроризм”, “Дар бораи экстремизм” ва дастуру нишондодҳои Президенти республика Эмомалӣ Раҳмон оғоз намуда, зарурати мубориза бар муқобили ин падидаи номатлубро асоснок намудааст. Роҳу усулҳои пешгирии хатари ифротгароии динӣ, ки диссертант пешниҳод намудааст, воқеан ҳам хеле муассир ва маҳсулнок мебошанд. Аз ҷумла, андешаи муаллиф “..дар муқобили ҳар як китобу китобчаҳо ва варақаҳои таблиғотӣ ва видеороликҳои ташвиқотии онҳо

бояд маводи зарурӣ дар сатҳи ниҳоят баланди илмӣ-оммавӣ омода карда шавад, то ин ки ҳамаи амалу фаъолиятҳои тарғибу ташвиқотии душманони миллату давлат ва мазҳаб хунсо карда шавад..” (саҳ. 130) сазовори таҳсин мебошад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия аз мубрамияти мавзуи таҳқиқ ва ниёзмандии ҷомеа ба муқовимат ба ифротгароии динӣ бармеояд. Диссертант барҳақ қайд менамояд, ки тавлиду рушди ифротгароии динӣ бо сиёсати геополитикии абаркудратҳо сахт алоқаманд мебошад. Ошкор сохтани решаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғоявии ифротгароии динӣ кафили пешгирии ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва бад-ин васила омили муҳими таъмини воқеии амну осоиштагӣ дар кишвар маҳсуб меёбад. Тавсияҳое, ки диссертант дар доираи 10 нукта пешниҳод кардааст, воқеан ҳам муассир буда, аз аҳамияти назарраси амалӣ ва иҷтимоӣ бархӯрдор мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқик аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мақолаҳои чопнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхӯҷа дар мавзуи “Хатари ифротгароии ддинӣ ба фарҳанги миллӣ” аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат низ, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлои

грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1.Агар ба номи фасли якуми боби якум “Мафҳум, моҳият ва сабабу омилҳои пайдоиши ифротгароии динӣ” боз вожаи “сарчашмаҳо” илова мешуду баъзе оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳо (Мисли: Бақара, 2:191; Моида,5:44; Тавба,9:14 ва ғайра), намунаҳо аз таърихи пайғамбар зикр гардида, шарҳ дода мешуд, аҳамияти илмии диссертатсия зиёдтар мешуд.

2.Зимни зикри оят аз Қуръон ба саҳлангорӣ роҳ дода шудааст. Дар саҳифаи 53 аз Қуръон ояте оварда шудаасту дар қавсайн рақами адабиёт 82 нишон дода шудааст. Дар адабиёт таҳти рақами 82 сураи “Оли Имрон”, ояти 19 зикр мегардад, лекин дар Қуръон таҳти ин рақам тамоман ояти дигар дида мешавад. Ҳамин ҳолат зимни овардани оятҳо дар саҳифаҳои 54 ду маротиба, саҳифаҳои 91, 98, 102, 106 мушоҳида мегардад.

3.Фасли дуюми боби якум хулоса надорад.

4. Диссертант бо ифодаҳои “Дар натиҷа суннати паёмбарро пушти по намудаанд..” (саҳ. 69), “рисолати Муҳаммад ва бениёзии Худовандро рад менамоянд” (манзур идеологҳои масеҳист- А.К.), бемавридии шеъри Ҷ.Балхӣ “Қасди эшон сияҳрӯйӣ набуд, Хайри дин кай ҷуст тарсову ҷуҳуд,.., “Ба мо зарур аст, ки нуктаҳои муҳими таълимоти мазҳаби ҳанафиро ба мардум расонем, зеро ҷомеаи суннатӣ имрӯз ба ҳамин ниёз дорад” (саҳ. 123) рисолаи илмиро ҳамсони рисолаи динӣ кардааст.

5. Дар саҳифаи 73 диссертант бо истифодаи ибораи “англосаксонҳову яҳудиён” ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, қавмӣ, нажодӣ дар рисолаи илмӣ роҳ додааст.

6. Дар саҳифаи 73 аз номи душманони фарҳанги миллӣ ифодаи “Шоирӣ шеваи шайтонгарист” ва онҳоро мушрику кофир ё аҳли бидъат шуморидан дар саҳифаҳои 82,89-90, 99 зикр мегардад, аммо дар ҳеҷ яке аз онҳо сарчашма нишон дода намешавад.

7.Мутаассифона, дар фасли дуюми боби дуюм ягон навъи мушаххаси таъсиррасонии ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ баррасӣ намегардад, агарчанде номи фасл инро тақозо менамояд.

8. Дар диссертатсия андешаҳо умумиянд ва таълимотҳои мушаххаси ифротгароёни динӣ ба таври назаррас мавриди таҳлилу танқид қарор нагирифтаанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа, ки дар мавзуи “Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ” аз рӯйи ихтисоси 6D.02.06.00. – Диншиносӣ. пешниҳод шудааст, дар сатҳи илмӣ ба анҷом расида, ба талаботҳои бандҳои 31.33.34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-(PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқаррizи расмӣ:
Муовини директори Маркази исломшиносӣ
дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
д.и.ф. Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил
24 –уми октябри соли 2025
Суроға: индекс. Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино.
Кучаи Нусратулло Махсум 15/11
Тел.: (+992) 906 55 09 29
E-mail: karomatullo.abdukhalilzoda.66@mail.ru

Имзои Абдухалилзода К.А.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши кадрҳо, ҳуқуқ ва
корҳои махсуси Маркази исломшиносӣ
дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Анҷуманова Гулором Анҷумановна

БАХШИ КАДРҲО, ҲУҚУҚ ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассиса:
Индекс:992372 ш.Душанбе,
кӯчаи Шодмонӣ, 58/1
Телефон: (+992) 2240976